Нақдҳо ва баррасиҳо



Пойгоҳи иттилоърасонӣ дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло


بسم الله الرحمن الرحیم

Коди накд: 38

Мавзӯъи накд:

Куллиёт

Аҳдоф ва паёмадҳои китоб

Нависандаи накд:

Насрин

Куллиёт; Аҳдоф ва паёмадҳои китоб

بسم الله الرحمن الرحیم

Нависандаи нақд: Насрин **Тарихи нақд:** 11/04/2017

Дар ҳоли мутолеъа ҳастам, аммо чанд пурсиш бароям ҳодис шудааст ки посухи оҷил металабад.

Якум. Шеваи нақли матолиб аз эшон аст ки ишора дорад ба маҷолисати афрод бо эшон ва ҳаводисе ки муҷиби гуфтугӯ шуда ... бо ӯ ки ривоят карда читавр ривояташ ба китоб мунтақил шудааст? Масалан ахбарно фалони инна саъалул Мансур ... ин чигуна аст? Лутфан ба таври мукфӣ посух диҳед. Оё ин гуфтугӯ аз замони қадим аст ё ҷадид? Мухбир ба ки гуфта ва ...

Дуввум. Инки матолибро ки шарҳ карда ва иртиботи шореҳ ва нависандаи матн чигуна аст? Гӯй инки матн ҳам он худи эшон нест ривоят аз эшон аст басон ойина дар ойина ... читавр аст моҷаро? Рӯшан аст ки фаҳс аз санадият ва иттисол ва тариқи иттисол аст ва як кунҷковии ғаризӣ нест.

Севвум. Бархӣ аз ҷонибдорон дар фесбук бо овардани матолиби эшон ба мубоҳиса ва мудофиъа мепардозанд ва кор ба мушоҷира ва беодобӣ ва ... мекашад ва бар нигоранда комилан ошкор шуд ки фиҷумла инон лоиқи бардоштани борӣ ба ин сангинӣ нестанд. Касе метавонад доияи дифо аз ақойиди ҳаққеро дошта бошад ки мароҳиле аз сайр ва сулук гузаронда бошад ва бидонад миқдори пешравӣ дар мухотабат афроди гуногун дар мизони ақл ва пазириш чиқадар аст ва ба нармӣ дар ин кор дарояд ва андоза нигоҳ дорад ва ба ҷунуди ҷаҳл паноҳ наёварад. Инон бо изн дар ин кор шудаанд чаро нозоранд? Беизн омадаанд ки вақҳи дигаре дорад.

Сухани охир. Табиъӣ аст агар ин дастгоҳ ҳақ аст набояд аз ман мутавақеъ бошад ки ба ин содагӣ таъйиди ҷараён кунам. Пурсиши ман таҳқиқи сирф ва орӣ аз ҳар таъйид аст. و على الله التكلان.

Куллиёт; Аҳдоф ва паёмадҳои китоб

Посух ба накди шумораи: 3 **Тарихи посух ба накд: 12/04/2017**

Хоҳари арҷманд!

Лутфан ба нукоти зер таваҷҷуҳ фармойед:

1 . Номаҳо ва гуфторҳои нуронии ҳазрати аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло тавассути ёрон, ҳамроҳон ва шогирдони фозили эшон дар хилоли мусоҳибат бо эшон сабт шуда ва ғолибан ба сурати ҷузаворе дар ихтиёри пойгоҳи иттилоърасонӣ дафтари ҳифз ва нашри осори эшон қарор гирифтааст то ба тадриҷ ва муносибат барои умум интишор ёбад. Бинобарин, гӯяндаи <<Ахбарно фалон>> ё <<Яке аз ёронамон моро хабар дод>>, пойгоҳи иттилоърасонӣ дафтари ҳифз ва нашри осори аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло аст ки як шахсияти ҳақиқӣ аст ва касоне ки аз онон нақл мекунад ёрон, ҳамроҳон ва шогирдони эшонанд ки ашхосӣ ҳақиқӣ аз аҳли илм ва тақво ҳастанд ва бо дафтари эшон дар иртиботанд ва бар бунёди як суннати куҳан ва судманди Исломӣ ва бо риъояти барҳӣ мулоҳизоти амниятӣ ном бурда мешаванд. Табиъӣ аст ки барҳӣ номаҳо ва гуфторҳои нуронии ин олими бузургвор ҷадидтар ва барҳӣ қадимитар ҳастанд ва барҳӣ мумкин аст ба солҳо пеш бозгарданд. Замони судури як нома ё гуфтрои эшон дар мавриде ки мавзӯъият ё аҳмияте дошта, зикр шудааст; Монанди <<Хутбае аз он ҳазрат дар бораи зоҳир набудани Маҳдӣ дар замин ва зарурати зуҳури ӯ>> ки се сол пеш аз фитнаи Шом ва Ироқ ирод шуда ё <<Хутбае аз он ҳазрат ки дар он мадумро ба сӯи Маҳдӣ даъват мекунад ва аз фитнаи доъиш хабар медиҳад>> ки пеш аз оғози фитнаи доъиш ирод шуда ва мутазаммини каромате аз он ҳазрат аст (дар ин бора, ҳамчунин бингаред ба: Накд ва баррасии 30).

2 . Кадом <<Матолибро ки шарҳ карда>> ва кадом <<Моҷаро>>?! Беҳтар буд ба ҷои такаллуф дар алфоз ва тасанниъ дар иборот, пурсиши худро бо рӯшании бештаре менавиштед. Агар муроди шумо аз <<Матолиб>> китоби шарифи <<Бозгашт ба Ислом>> аст, асли ин китоб такрири дӯстҳои аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ

ҳафизаҳуллоҳ таъоло ба форсӣ ва арабӣ буда ки тавассути шогирдони эшон пиёда ва тарҷума ва сипас тавассути эшон бозбинӣ ва такмил шуда ва барои интишор ба сурати китоб дар ихтиёри дафтари эшон қарор гирифтааст; Чунонки масъули дафтари эшон ҷаноби дуктур Зокир Маъруф дар зимни хабаре ба ин нукта ишора карда ва фармудааст:

«لَمّا أَذِنَ الْمَنْصُورُ فِي نَشْرِ دُرُوسِهِ اسْتَأْذَنْتُهُ فِي نَشْرِ مَوْقِعٍ لَهُ عَلَى الْإِنتِرْنِتِ، فَقالَ: إِنِّي وَاللّهِ لَأَكْرَهُ أَنْ تَفْعَلُوا ذٰلِكَ فَإِنَّ الْإِنتِرْنِتَ مَشْؤُومٌ لا يُذْكَرُ فِيهِ رَجُلٌ إِلّا وَ يَسْبِقُهُ الْهَجْوُ وَ الشَّتْمُ وَ الْفِرْيَةُ! قُلْتُ: إِنَّهُمْ سَيَذْكُرونَكَ فِيهِ وَ إِنْ لَمْ يَكُنْ لَكَ مَوْقِعٌ وَ الْمَوْقِعُ يَنْفَعُ النّاسَ وَ يُزِيلُ عَنْهُمُ الشُّبْهَةَ! قالَ: إِنَّكَ لا تَعْرِفُهُ إِنَّهُ صَنِيعُ الشَّيْطانِ لا يَنْفَعُ غَيْرَ أَوْلِيائِهِ إِلّا وَ يَضُرُّ بِهِمْ أَكْثَرَ مِمّا يَنْفَعُهُمْ! قُلْتُ: وَ هَلْ يُعارَضُ الشَّيْطانُ إِلّا بِصَنِيعِهِ؟! إِنَّما نَضْرِبُهُ بِسَيْفِهِ وَ قَدْ قالَ اللّهُ: <وَجَزَاءُ سَيِّئَةٍ سَيِّئَةٌ مِثْلُهَا>! قالَ: إِنِّي لَكارِهٌ! فَأَبىٰ أَن يَأْذَنَ لِي فَلَمْ أَزَلْ أُراجِعُهُ يَوْماً بَعْدَ يَوْمٍ حَتّىٰ أَذِنَ لِي وَ هُوَ كارِهٌ -الخبر» ; <<Пас аз онки Мансур ба нашри дарсҳои худ (дар қолиби китоби <<Бозгашт ба Ислом>>) изн фармуд, ман аз ӯ барои нашри пойгоҳе барои ӯ бар рӯйи интирнет изн хостам, пас фармуд: Ман ба Худо савганд кароҳат дорам аз онки ин корро анҷом диҳед; Чароки интернет шум аст, ҳеҷ кас дар он ёд намешавад магар инки бадгӯйи ва носазо ва тӯҳмат бар ӯ пешӣ мегирад! Гуфтам: Онон туро дар он ёд хоҳанд кард агарчи барои ту пойгоҳе набошад, дар ҳоле ки пойгоҳ ба мардум суд мерасонад ва шубҳаро аз онон мезудояд! Фармуд: Ту онро намешиносӣ, он сохтаи шайтон аст, ба ғайри дӯстони ӯ суде намерасонад магар инки ба онон бештар аз суде ки мерасонад зиён мерасонад! Гуфтам: Оё бо шайтон ҷуз ба василаи сохтаи худаш муъориза мешавад?! Ҷуз ин нест ки мо ӯро бо шамшери худаш мезанем ва Худованд фармудааст: <Сазои бадӣ бадии монанди он аст> (Шуро/ 40)! Фармуд: Ман кароҳат дорам! Пас аз додани изн ба ман худдорӣ кард, пас ҳамвора дар рӯзҳои паёпай ба назди ӯ боз гаштам то онки ба ман изн дод дар ҳоле ки кароҳат дошт –идомаи хабар>> (Гуфтори 101 фақараи 8).

Шореҳи ин китоб низ донишманди мӯҳтарам ҷаноби шайх Солеҳи Сабзаворӣ яке аз шогирдони фозили аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло ва ровии бархӣ гуфторҳои эшон бо

номи <<Солеҳ ибни Муҳаммади Сабзаворӣ>> аст.

Аммо агар муроди шумо аз <<Матолиб>>, гуфторҳои нуронии эшон аст, возеҳ аст ки матни онҳо <<Они худи эшон>> аст ки тавассути эшон гуфта шуда ва тавассути ёрон, ҳамроҳон ва шогирдонашон ривоят шуда ва тавассути дафтари ҳифзу наши осорашон шарҳ ва мунташир шуда ва <<Санадият ва итисолу тариқи интиқоли>> онҳо дар ҳар маврид мазкур аст ва бо ин васф, <<Кунҷковии ғаризаӣ>> ва <<Моҷароҷӯии>> шумо дар бораи онҳо аҷиб ба назар мерасад! Возеҳ аст ки миёни <<Они худи эшон>> бидуни гуфторҳои эшон ва <<Ривоят аз эшон>> будани онҳо мунофоте вуҷуд надорад; Ҳамчунонки возеҳ аст пойгоҳи иттилоърасонии эшон веблоги шахсӣ ё саҳифаи фесбуки эшон нест то худашон онро барӯзрасонӣ кунанд ва гуфторҳошонро дар он қарор диҳанд. Бал як пойгоҳи интернетии ғанӣ ва густарда аст ки бо изни хосси ин олими азимушон, тавассути гурӯҳе аз шогирдони муборриз ва мутаъаҳҳиди эшон, зери назари масъули дафтарашон ҷаноби дуктур Зокир Маъруф, идора мешавад ва бар пояи ошноӣ комил бо андешаҳо ва омӯзаҳои эшон ва нусусу дуруси мактаб ва мазбутие ки аз эшон дар ихтиёр дорад ва низ муроҷиъа ба эшон дар мавриди лозим, мунъакис кунандаи дидгоҳҳои эшон ва посухгӯй пурсишҳо ва накдҳои мардум аст.

3 . Танҳо саҳифаи мо дар фесбук <<Саҳифаи дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ>> аст ва сафаҳоти ҳомиёни мо дар он тавассути мо идора намешавад. Бо ин ҳол, мо ҳамвора ба ин бародарон ва хоҳарони мӯъмин ва хайрхоҳ тавсиа мекунем ки бо риъояти аҳком ва ахлоқи Исломӣ ва илтизом ба насойеҳи аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло бо мардум гуфтугӯ кунанд ва илми худро ба сабаби ҷаҳли ҷоҳилон фуру нагузоранд ва бар сафоҳати сафиҳон ва шарорати шарурон шикеб ованд. Бархӣ насойҳи он ҳазрат дар ин бора, дар номаи 16 ва гуфтори 5 ва 46 омадааст. Ҳамчунин, дар гуфтори 101 он ҳазрат дар бораи фаъолияти ёронашон дар фазои маҷозӣ омадааст:

«إِنِّي وَاللّٰهِ لَأَكْرَهُ أَنْ تَفْعَلُوا ذٰلِكَ فَإِنْ أَبَيْتُمْ إِلّا أَنْ تَفْعَلُوا فَاحْفَظُوا أَلْسِنَتَكُمْ عَنِ الْكِذْبِ وَ قُولُوا لِلنَّاسِ

حُسْناً وَ لا تُخاصِمُوا وَ لا تُغاضِبُوا وَ لا تَسابُّوا وَ لا تَنابَزُوا وَ لا تَغْتابُوا وَ لا تَظْلِمُوا أَحَداً وَ لا تَقُولُوا ما لا تَعْلَمُونَ وَ لا تَخُوضُوا مَعَ الْخائِضِينَ وَ لا تَلْهَوْا عَنْ ذِكْرِ اللّهِ وَ عَنِ الصَّلاةِ وَ الْزَمُوا الْعِلْمَ وَ الْحِلْمَ وَ كَظْمَ الْغَيْظِ وَ الْعَفْوَ عَنِ النّاسِ وَ إِنْ سَبُّوني وَ رَمَوْني بِالْعَظائِمِ فَإِنَّ أَكْثَرَهُمْ حُدَثاءُ الْأَسْنانِ سُفَهاءُ الْأَحْلامِ لا يَدْرُونَ أَيّاً مِنْ أَيٍّ وَ ادْعُوا إِلى سَبِيلِ رَبِّكَمْ بِالْحِكْمَةِ وَ الْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ وَ جادِلُوهُمْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ إِنَّ رَبَّكَمْ هُوَ أَعْلَمُ بِمَنْ ضَلَّ عَنْ سَبِيلِهِ وَ هُوَ أَعْلَمُ بِالْمُهْتَدِينَ»; <<Ман ба Худо савганд кароҳат дорам аз онки ин корро анҷом диҳед, вале агар ибо доред ҷуз аз инки анҷом диҳед пас забонҳои худро аз дурӯғ боз доред ва бо мардум ба некӣ сухан бигӯйед ва бигӯмагӯ накунед ва ба хашм наёваред ва дашном надиҳед ва бо лақабҳои зишт нахонед ва ғайбат накунед ва ба ҳеҷ кас ситам раво надоред ва чизе ки намедонедро нагӯйед ва бо фуру равандагон (дар баҳсҳои беҳосил) фуру наравед ва аз ёди Худованд ва аз намоз ғофил нашавед ва ба илму бурдборӣ ва фуру бурдани хашм ва авф кардани мардум мултазим бошед агарчи манро дашном гӯянд ва нисбатҳои азим диҳанд; Чароки бештари онон нав диндон ва сабук саранд ва намедонанд кадом аз кадом аст ва бо ҳикмат ва андарзи неку ба роҳи Парвардигоратон даъват кунед ва бо онон ба наҳвае ки он беҳтар аст муҷодила намойед, ҳароина Парвардигоратон ба касе ки аз роҳи Ӯ гумроҳ шуда донотар аст ва Ӯ ба ҳидоят ёфтагон донотар аст>>.

Ҳар чанд ба назар мерасад ки қазовати шумо дар ин бора низ якҷониба аст ва мумкин аст мунсифона набошад; Зеро ба каррот дида ва шунида шудааст ки афродӣ мутакаббир ва ануд дар яке аз ин бародарон ва хоҳарони мӯъмин ва хайрхоҳ овехтаанд ва ӯ ё ҳазрати аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъолоро ҳадафи анвоъи тӯҳмат ва иҳонат қарор додаанд, вале чун бо камтарин интиқод ё посухи сариҳи ӯ мувоҷеҳ шудаанд онро <<Беодобӣ>> ба худ пиндоштаанд ва ба мазлумнамойи ва ҷавсозӣ рӯй овардаанд ва шиъори ахлоқ ва сайру сулук сар додаанд! Ин бегумон шеваи зишт ва нописанд аст ва аз чашми аҳли инсоф пӯшида наемонад. Бо ин васф, тавсияи мо ба шумо хоҳари арҷманд он аст ки аз як сӯ муроқиби калимот ва иборотатон бошед то худ ба чизе ки аз дигарон намеписандед олуда нашавед; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أَتَأْمُرُونَ


﴿النَّاسَ بِالْبِرِّ وَتَنْسَوْنَ أَنْفُسَكُمْ وَأَنْتُمْ تَتْلُونَ الْكِتَابَ ۚ أَفَلَا تَعْقِلُونَ﴾ (Бақара/ 44); <<Оё мардумро ба некӣ амр мекунед ва худатонро аз ёд мебаред дар ҳоле ки шумо китоб мехонед, оё пас таъаққул намекунед?!>> Ва аз сӯй дигар ҳаргоҳ рафтор ё гуфтори ношиносе аз бардар ё хоҳари мӯъмин ва хайрхоҳатон дидед мушфиқона ва бо ёдоварии насойеҳи ҳазрати аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло ба ӯ тазаккур бидиҳед то мутазаккир шавад ин шоъ Аллоҳ; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَذَكِّرْ فَإِنَّ الذِّكْرَىٰ تَنْفَعُ الْمُؤْمِنِينَ﴾ (Зориёт/ 55); <<Ва тазаккур бидеҳ; Чароки тазаккур ба мӯъминон суд мерасонад>> (дар ин бора, ҳамчунин бингаред ба: Нақд ва баррасии 37).

4 . Агар муроди шумо аз <<Ин дастгоҳ>> наҳзати мустазъафони мусалмон барои <<Бозгашт ба Ислом>> ва заминасозӣ барои зуҳури халифаи Худованд дар замин аст, тардиде нест ки ҳақ аст; Чароки ошкоро мунтабиқ бар мабонӣ ва ормонҳои Исломи аст ва ҳаққонияти он ба маротиб ошкортар аз ҳаққонияти <<Дастгоҳе>> аст ки чи басо шумо <<Ба ин содагӣ>> таъйидаш кардаед! Бо ин ҳол, возеҳ аст ки ҳақ ба таъйиди шумо –бо содагӣ бошад ё бо душворӣ– ниёзе надорад, бал ин шумо ҳастед ки ба таъйиди ҳақ ниёзмандед; Чароки Худованд шуморо ба таъйиди он таклиф карда ва фармудааст: ﴿وَالَّذِي جَاءَ بِالصِّدْقِ وَصَدَّقَ بِهِ ۙ أُولَٰئِكَ هُمُ الْمُتَّقُونَ﴾ (Зумар/ 33); <<Ва касе ки ростиро оварда ва онро тасдиқ кардааст онон ҳамоно парҳезкоронанд>>; Ҳамчунонки шуморо ба ҳамкорӣ бо он дар некӣ ва тақво таклиф карда ва фармудааст: ﴿وَتَعَاوَنُوا عَلَى الْبِرِّ وَالتَّقْوَىٰ ۖ﴾ (Моъида/ 2); <<Ва дар некӣ ва тақво ҳамкорӣ кунед>> Ва тардиде нест ки наҳзати <<Бозгашт ба Ислом>> ва заминасозӣ барои зуҳури халифаи Худованд дар замин бо истинод ба китоби Ӯ ва суннати мутавотири Паёмбараш аз боризтарин масодиқи некӣ ва тақвост. Бинобарин, агар шумо онро таъйид ва бо он ҳамкорӣ кунед ба суди худатон аст ва агар онро таъйид ва бо он ҳамкорӣ накунед ба зиёни худатон аст ва Худованд ба ҳар коре ки мекунед ё намекунед огоҳ аст: ﴿قُلْ آمِنُوا بِهِ أَوْ لَا تُؤْمِنُوا ۚ إِنَّ الَّذِينَ أُوتُوا الْعِلْمَ مِنْ قَبْلِهِ إِذَا يُتْلَىٰ عَلَيْهِمْ يَخِرُّونَ لِلْأَذْقَانِ سُجَّدًا ۝ وَيَقُولُونَ سُبْحَانَ رَبِّنَا إِنْ كَانَ وَعْدُ رَبِّنَا لَمَفْعُولًا﴾ (Исроъ/ 107 ва 108); <<Бигӯ ба он имон оваред ё имон наёваред, ҳароина касоне ки пеш аз он илм дода шуданд ҳангоме ки бар онон хонда мешавад бар рӯйҳо меафтанд ва мегӯянд

Парвардигорамон муназзаҳ аст, бегумон ваъдаи Парвардигорамон анҷом шуданӣ аст>>.

Тавфиқи шуморо аз даргоҳи Парвардигори меҳрубон масъалат дорем.

Дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ
Бахши баррасии накдҳо



* Лутфан бар рӯй линки мавриди назари ҳуд клик кунед.
Линки матлаби бало
Сахифаи фесбуки пойгоҳ
Сахифаи гугеллюси пойгоҳ
Сахифаи канали телеграми пойгоҳ